Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Деҳқон ва тухмӣ



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: M. Maillot; Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: E. Frischbutter; Sarah S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.



Рӯзе Исо дар лаби кӯл таълим медод. Одамони бисёр барои Ӯро гӯш кардан ҷамъ шуда буданд.

Тӯдаи одамон беҳад калон шуд. Исо чӣ кор бояд мекард?

Вай дар наздикӣ қаиқеро дида, ба он савор шуд.  Акнун Ӯ метавонист одамонро бинад ва онҳо низ метавонистанд Ӯро бинанд ва шунаванд.



Исо дар бораи чизҳои одӣ ҳикояҳои масалдорро нақл кардан гирифт. Ин чизҳо дар бораи Худо ба одамон таълим медод.



“Деҳқоне дар саҳрои худ тухмӣ пошид”. Ҳикояи Исо ба монанди расме буд, ки ба ҷойи тасвирҳо, калимаҳо дошт.




Одамон деҳқонро дар сари кор тасаввур карда метавонистанд, зеро инро бисёр дида буданд.

Баъзе аз донаҳои паҳншуда дар рӯйи роҳ мехобиданд. Эҳ! Даррав парандаҳо парида омаданд, то донаҳоро чинда хӯранд.




Баъзе донаҳо дар ҷойи санглохи саҳро афтоданд. Аз онҳо даррав растаниҳои дарози беқувват рӯиданд. Офтоби сӯзон онҳоро пажмурда кард,
чунки дар замини начандон чуқур, реша давонда натавонистанд.

Донаҳои дигар дар байни хорҳо реша давонданд.

Ин донаҳо ҳосил наоварданд. Хорҳо гирди растании навсабзидаро печонида, онро аз нури офтобу борон маҳрум карданд.



Боқимондаи донаҳо ба замини хуб афтоданд. Бо гузашти вақт майсаҳо ба растании солим табдил ёфта, донаҳои нави фаровон доданд. Деҳқон бояд чӣ қадар шод шуда бошад.



Дар охири ҳикоя, шогирдон ба назди Исо омаданд. “Чаро ту бо масалҳо таълим медиҳӣ?” — пурсиданд онҳо.




Исо гуфт, ки агар одамон дар ҳақиқат Худоро дӯст доранд, масалҳо барои дар бораи Худо фаҳмидан ёрӣ медиҳанд. Одамоне, ки Худоро дӯст намедоранд,
масалҳоро намефаҳманд.


Баъд Исо маънои масалро фаҳмонд: Дона ин Каломи Худо аст. Донаҳои рӯйи раҳ ба мисли касоне ҳастанд, ки Каломи Худоро
мешунаванд, аммо онро намефаҳманд. Шайтон водор
мекунад, ки онҳо сухани Худоро фаромӯш кунанд.


Баъзе одамон Каломи Худоро зуд
қабул мекунанд. Онҳо ба мисли донаҳои дар
санглох афтода мебошанд. Ҳамин ки касе барои
Худоро дӯст доштанашон, онҳоро
масхара мекунад ё барояшон
душвориеро пеш меорад,
чизи ғамангезе рӯй
медиҳад.

Ҳамон одамоне, ки бо хурсандӣ Исоро пайравӣ карданд, аз Ӯ рӯ гардонда, дигар ба Каломи Худо итоат намекунанд. Онҳо намехоҳанд, ки барои Худоро пайравӣ кардан азоб кашанд. Афсӯс, ки онҳо ба ҷойи ба Худо писанд омадан, ба дӯстонашон писанд омадан мехоҳанд.



Хорҳо дар масал ба мисли ташвишҳои ҷаҳонӣ ва муҳаббат ба пул аст, ки ҳаёти баъзе одамонро пур мекунад. Онҳо хеле банд ҳастанд, зеро пули зиёду чизҳои дигарро ки Худоро аз ҳаёташон берун месозад, ба даст овардан мехоҳанд.



Аммо донаҳое ки дар хоки нағз афтода, ҳосили хуб додаанд, мисли он аст, ки Каломи Худо ба дилҳо даромада, ҳаёти одамонро дигар месозад.  Чунин одамон ба Худо хизмат карда, Ӯро эҳтиром мекунанд.



Одамон аз назди Исо рафтан намехостанд. Бисёриҳо мехостанд, ки Худоро пайравӣ намуда, ба Ӯ писанд оянд.  Масалҳои Исо ба онҳо ёрӣ медод, то чӣ гуна ба Худо итоат карданро фаҳманд.



Деҳқон ва тухмӣ

Ҳикоя аз Каломи Худо

Матто 13

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16